*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025), кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, бинои таълимии 8, синфхонаи 102, E-mail: shuro004@mail.ru*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмин доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050601 –Назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити кунунӣ рушди илмӣ-техникӣ дар ҷараёни такмили муносибатҳои иктисодӣ бо дигаргуниҳои мураккабе, ки дар заминаи моликияти хусусӣ, рушди корхонаҳо ва минтақаҳо, инчунин рушди умумии иқтисоди миллӣ ба вуҷуд омадаанд, зич алоқаманд мебошад. Дар айни замон пешрафти илмӣ-техникӣ яке аз омилҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодиёт ба шумор меравад. Дар чунин шароити рақобат пешрафти илмӣ-техникӣ метавонад тавассути ҷорӣ намудани дастовардҳои навини илмӣ ва технологияҳои муосир ба ҳалли мушкилоти мавҷудаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Зеро татбиқи навовариҳо, махсусан дар доираи низоми муосири иқтисодӣ, сатҳ ва сифати рушди иқтисодии кишварро муайян месозад.

Тавре дар автореферати диссертатсия таъкид мегардад, прогресси илмӣ-техникӣ падидаест, ки тавассути маҷмуи омилҳои гуногун ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар доираи ин раванд унсурҳои қувваи корӣ, равандҳои технологӣ, инчунин механизмҳои ташкили истеҳсолот ва идоракунии фаъолияти иқтисодӣ пайваста такмил меёбанд.

Рушди илму техника, пеш аз ҳама, ба такмили базаи моддию техникӣ равона гардида, барои афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар асоси татбиқи технологияҳои пешрафта, корҳои конструкторӣ ва таҳқиқоти илмӣ замина фароҳам меорад. Дар натиҷа, чунин равандҳо ба қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назарраси илмии автореферати диссертатсия. ҷиҳати боз ҳам такмил додани мазмун ва густариши доираи таҳкикот пешниҳодҳои зерин ироа мегарданд:

1. Сифати таҳқиқот боз ҳам баландтар мегардид, агар муаллиф

омилҳои иқтисодии монеашавандаи рушди пешрафти илмӣ-техникиро ба таври муфассал таҳлил намуда, таъсири онҳоро ба равандҳои инноватсионӣ асоснок месохт ва механизмҳои амалии бартарафсозии онҳоро пешниҳод менамуд;

2. Ба манфиати кор илмӣ мебуд, агар диссертант самтҳои афзалиятноки рушди илмӣ-техникии инноватсиониро бо дарназардошти хусусиятҳои сохтории иқтисодиёти миллӣ муайян намуда, нақши онҳоро дар баланд бардоштани рақобатпазирии мамлакат мушаххас мекард;

3. Ҳамчунин, арзиши назариявӣ ва амалӣ боз ҳам ғанитар мегардид, агар дар таҳқиқот таҷрибаи пешқадами кишварҳои рушдёфта оид ба татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ мавриди муқоиса қарор гирифта, имконияти мутобиқсозии он ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешуд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар ҷараёни таҳлил ва арзёбии автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ пешниҳод гардидааст, муайян карда шуд, ки таҳқиқоти мазкур ба талаботи амалкунандаи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо дарназардошти сатҳи назариявӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии зикршуда сазовор шуморида мешавад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**Муовини якум, муовини ректор оид ба таълими**
**МДТ “Донишкадаи тарбияи ҷисмонии**
**Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов”** **Рустамҷони С. Қ.**

**Суроға: 734053, ш. Душанбе, н. Сино, Лучоб-53**
**E-mail:korguzor.dtj@mail.ru**

**Имзои муовини якум, муовини ректор оид ба таълими**
**МДТ “Донишкадаи тарбияи ҷисмонии**
**Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов”-ро тасдиқ менамоям:**

**Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва ҳуқуқи**
**МДТ “Донишкадаи тарбияи ҷисмонии**
**Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов”** **Исоев С**

КУМИТАИ КОР БО ҶАВОНОН ВА ВАРЗИШИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * МДТ «ДОНИШКАДАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С. РАҲИМОВ» * РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА ҲУҚУҚ